"Тасдиқ мекунам"
Директори Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ, н.и.к.
Кароматов Ш.Ш. ____________
«__07__» ________________ соли 2025

# НУСХА АЗ ПРОТОКОЛИ №4

ҷаласаи шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

аз "07" майи соли 2025 ш. Душанбе

Раис: Раҳматов С.Ҳ.
Котиб: Тағоев Ш. Ҳ.

**Иштирок карданд:** Раҳматов С.Ҳ.. - мудири шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳо; раиси ҷаласа, Тағоев Ш. Ҳ. – ходими калони илмӣ, котиби ҷаласа; аъзоёни ҷаласа: Камолов Н., н.и.к.-ходими пешбари илмӣ, Сафарова З. А.- ходими илмӣ, Гулрухсори Раҳмон.- ходими хурди илмии шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳо, Қаландаров Р.Ю. н.и.к., мудири шуъбаи технологияи инноватсионии токпарварӣ, Толиҳов Ҷ., н.и.к.- мудири шуъбаи ҳимояи расаниҳо, Эшонкулова Р.У. н.и.к. мудири шуъбаи илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ, Толибов А.Қ., н.и.к. - ходими калони илмии озмоишгоҳи илмию истеҳсолии биотехнологияи растаниҳо, Ғиёсов М.З. - ходими калони илмии шуъбаи технологияи инноватсионии ниҳолпарварӣ.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзӯи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.

Роҳбари илмӣ: Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич, доктори илмҳои кишоварзӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи технологияи инноватсионии ниҳолпарварии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ.

Шунида шуд: оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Фозилов Ҷ.Д. баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз дошт, ки мевапарварӣ аз он ҷумла парвариши навъҳои интродуксионии олу яке аз соҳаҳои асосии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо маводи ғизоӣ, фароҳам овардани ҷойҳои корӣ дар деҳот, таъмин намудани бозори дохилӣ бо маҳсулоти бо

талаботи бозор ҷавобгу ва афзун гардонидани имкониятҳои содиротии мамлакат нақши муҳимро мебозад. Ноил гардидан ба дастовардҳои баланд ва дарёфти навъҳои дурнамо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама ташкил намудани системаи илман асосноки соҳаи мевапарварӣ дар минтақаи шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон вобаста мебошад.

Барои боз ҳам тақвият бахшидани ин соҳа бо як қатор барномаҳою қарорҳои давлатӣ ва пеш бурдани таҳқиқоти илмии мазкур доир ба мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятнок алоқамандӣ дорад, ки дар заминаи Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри соли 2008, №658), «Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2015, №793) ва Барномаи давлатии рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, № 483 аз 20.10.2016 иҷро гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки аксари навъҳо барои парвариш дар шароити тағйирёбии глобалии иқлим дар кураи замин, ки дар даҳсолаи охир бештар ба назар мерасанд, хусусиятҳои заруриро надоранд. Бисёрии онҳо ба касалиҳои асосӣ тобовар нестанд, меваи хурд доранд ва ба қадри кофӣ сермаҳсул нестанд. Ҳоло навҳои зиёди олу дар дигар кишварҳо ба вуҷуд оварда шудаанд, ки дар шароити обу ҳавои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз омӯхта нашудаанд.

Аз ин ру муҳимияти омӯзиши навъҳои навъи интродуксионии олу дар шароити ҷумҳурӣ ба хусус дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ба мо имкон медиҳад, ки аломатҳои арзишноки онҳоро муайян намуда, навъҳои серҳосил ва сифати меваашон баландро барои селексия ва истеҳсолот, интихоб намоем.

Таҳқиқотхо собит сохтаанд, ки бо аломатҳои арзишноки селексиони-устуворӣ ба хушкӣ, касалиҳои хатарноки замбӯруғӣ ва ҳосилноки, навъҳои ояндадори интродуксионии олу тавсия дода мешаванд.

Барои истифодабари дар селексия навъҳои калонмева, сифати баланди молию таъми хуш доштаи «Стенлей», «Блю фри» ва «Кабардинская ранняя» тавсия дода мешаванд.

Барои бунёди боғҳои саноати дар шароити ҷумҳурӣ навъҳои устувору серҳосили «Стенлей», «Блю фри» ва «Кабардинская ранняя» тавсия мегарданд.

Гузориш оид ба аҳаммияти кори унвонҷӯ:

Аҳамияти таҳқиқотҳои илмӣ дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ оид ба хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу донишҳои нав ба даст оварда, аз натиҷаи омӯзишҳо ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати олу мебошад.

Аҳамияти илмию амалии таҳқиқотҳо дар он таҷассум меёбад, ки аз ҳисоби навъҳои интихобгардидаи интродуксионии олу, ки дорои

ҳосилнокии баланд ва сифати молии хуб мебошанд масоҳати боғҳои олу дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон зиёд карда шавад.

Таҳқиқотҳо собит сохтанд, ки навъҳои «Стенлей», «Блю фри» ва «Кабардинская ранняя» аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва устуворият ба омилҳои табиӣ аз дигар навъҳо бартари дошта, ҳамчун навъҳои ояндадор ба истеҳсолот пешниҳод карда мешаванд.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён Раҳматов С.Ҳ.- мудири шуъба, Камолов Н. н.и.к., ходими пешбари илмӣ, Қаландаров Р.Ю. н.и.к., мудири шуъбаи технологияи инноватсионии токпарварӣ, Толиҳов Ҷ., н.и.к.- мудири шуъбаи ҳимояи расаниҳо, Эшонқулова Р.У. н.и.к. мудири шуъбаи илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва Толибов А.Қ., н.и.к. – ходими калони илмии озмоишгоҳи илмию истеҳсолии биотехнологияи растаниҳо, саволҳо дода шуд, ки ба онҳо унвонҷӯ Фозилов Ҷ.Д. ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан, роҳбари илмии унвонҷӯ Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич, доктори илмҳои кишоварзӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи технологияи инноватсионии ниҳолпарварии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ суханронӣ намуда, оид ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзӯи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқ буда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир, аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, Толиҳов Ҷ.А. н.и.к., баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла Камолов Н. н.и.к., ходими пешбари илмӣ, Қаландаров Р.Ю. н.и.к., мудири шуъбаи технологияи инноватсионии токпарварӣ Эшонқулова Р.У. н.и.к. мудири шуъбаи илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзӯи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзӯи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Фозилов Ҷ.Д. муҳаққиқи пурмасъул буда, муаллифи 13 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилии донишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ

намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба Фозилов Ҷ.Д. мусоидат менамоянд.

Фозилов Ҷ.Д. ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи ҷаласаи шуъба, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ бо назардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон санаи 07.05.2025 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 9 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “тарафдор” – 9 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

Раиси ҷаласа: Раҳматов С.Ҳ.

Котиби ҷаласа: Тағоев Ш. Ҳ.

Имзоҳои Раҳматов С.Ҳ
ва Тағоев Ш. Ҳ.- ро тасдиқ менамоям:
Сармутахассис оид ба кадри Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Музафарова М.Н.
“07” “майи” соли 2025